**МУАССИСАИ ТАЪЛИМИИ ҒАЙРИДАВЛАТИИ «ДОНИШКАДАИ ТИББӢ-ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН»**

«Тасдиқ мекунам»
Ректори Муассисаи таълимии ғайридавлатии «Донишкадаи тиббӣ - иҷтимоии Тоҷикистон»
________ н.и.и. Ибодзода З.Ҳ.
аз «17» 11 2020, №23

# НИЗОМНОМАИ ШУРО ОИД БА КОРҲОИ ТАРБИЯВИИ МУАССИСАИ ТАЪЛИМИИ ҒАЙРИДАВЛАТИИ ДОНИШКАДАИ ТИББӢ-ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН”

ДУШАНБЕ-2020

Wondershare PDFelement

Wondershare PDFelement

**НИЗОМНОМАИ**
**ШУРО ОИД БА КОРҲОИ ТАРБИЯВИИ МУАССИСАИ ТАЪЛИМИИ ҒАЙРИДАВЛАТИИ ДОНИШКАДАИ ТИББӢ-ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН"**

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Шуро оид ба фаъолияти корҳои тарбиявии МТҒ "Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон" дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оиннома ва Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии донишгкада таҳия карда шудааст

1.2. Шуро оид ба корҳои тарбиявии МТҒ "Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон" дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф», Қонуни ҶТ «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Қонуни ҶТ «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо», Қонуни ҶТ «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», дастуру супоришҳои Вазорати маориф ва илми ҶТ, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ, қарорҳои Шурои олимони донишкада ва супоришҳои ректори донишкада корҳои тарбиявиро ба роҳ монда, иҷроиши саривақтии онҳоро назорат ва амалӣ менамояд.

1.3. Ба ҳайати Шуро оид ба корҳои тарбиявии МТҒ "Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон", масъулони шуъбаи тарбия, шуъбаи фарҳанг, шуъбаи кор бо ҷавонон, аъзоёни созмонҳои ҷамъиятӣ, муовинони декан оиди тарбияи факултетҳо ва донишҷӯёни фаъол шомил мешаванд, ки роҳбарии бевоситаи онҳоро муовини ректор оид ба тарбия баухда дорад.

1.4.Фаъолияти Шуро оид ба корҳои тарбиявии МТҒ "Донишкадади тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон" мувофиқи Низомномаи мазкур ва нақшаи корҳои тарбиявии донишкада ба роҳ монда мешавад.

1.5. Ҷаласаҳои Шуро моҳе як маротиба баргузор мегардад. Дар ҳолати зарурӣ Шуро метавонад ҷаласаҳои ғайринавбатӣ ва ҷаласаҳои сайёр доир намояд.

Wondershare PDFelement

## II. ВАЗИФА ВА УХДАДОРИҲОИ ШУРО ОИД БА КОРҲОИ ТАРБИЯВИИ МУАССИСАИ ТАЪЛИМИИ ҒАЙРИДАВЛАТИИ ДОНИШКАДАИ ТИББӢ-ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН"

2.1. Самтҳои асосии корҳои тарбиявиро, ки хусусияти башардӯстона доранд, дар фаъолияти якҷояи таълимӣ, илмӣ, эҷодӣ, истеҳсолӣ ва ҷамиятии муҳассилин донишкада ва омӯзгорон муайян менамояд;

2.2. Оид ба корҳои тарбиявӣ ба дигар сохторҳои донишкада ҳамкорӣ намуда, имконияти ҳар яке аз сохторҳои марбутаро барои тарбия намудани мутахассисони ба талаботи соҳаи тиб ҷавобгӯро истифода мебарад.

2.3. Барои дар амал ҷорӣ намудани талаботҳои «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» тамоми имкониятҳои кафедра, факултет, нерӯи зеҳнию эҷодии донишҷӯён ва омӯзгоронро сафарбар менамояд.

2.4. Нақшаи корҳои тарбиявӣ – тарғибии факултетҳо ва кафедраҳои зертобеъи онҳо ва инчунин хобгоҳҳоро таҳлил намуда, ба рафти иҷроиши онҳо мусоидат ва ёрии амалӣ мерасонад.

Wondershare PDFelement

2.5. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, комёбиҳои ватанию хориҷиро доир ба масъалаҳои ташкили чараёни корҳои тарбиявӣ дар донишкада мутобиқ ва татбиқ менамояд.

2.6. Оид ба гузаронидани корҳои берун аз машғулиятҳои таълимӣ дар зинаҳои гуногуни тарбиявии гурӯҳҳои таълимии донишкада бо масъулон машваратҳои муфид мегузаронад.

2.7. Иштироки муҳассилини донишкадаро дар чорабиниҳо, озмунҳо, мусобиқаҳои варзишӣ, ҳамоишҳои гузаронидани тарғиби тарзи ҳаёти солим дар сатҳи ноҳиявӣ, шаҳрӣ, ҷумҳуриявӣ ва байалмилалӣ таъмин менамояд.

2.8. Оид ба иқдом ва ташаббусҳое, ки аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат Президенти Ҷуҳурии Точикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратҳои марбута ва Раёсати донишкада арзёбӣ мегарданд, нақша – чорабиниҳо таҳия намуда, мутобиқи он дар байни кормандон ва донишҷӯён корҳои тарғиботиро ба роҳ мемонад.

Wondershare PDFelement

2.9. Дар тарғиби дастовардҳои ҳаматарафаи донишкада, ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯёни фаъол, аз ҷумла ба воситаи ВАО, сомона ва нашриёҳои даврии донишкадавӣ саҳм мегирад.

2.10. Доир ба амалӣ намудани чораҳои мақсадноки зеҳнию маърифатӣ, тарғибӣ, фарҳангию варзишӣ ва дигар чорабиниҳо, ба роҳбарияти донишкада фикру ақидаҳои судманд пешниҳод менамояд;

2.11.Ҳамкории фаъолияти тарбиявии донишкадро бо ҳамаи мақомотҳои ваколатдори давлатӣ тақвият мебахшад.

2.12. Дар такмили санадҳои меъёрии донишкада танзимкунандаи муносибатҳои соҳаи таълим, шароити маишӣ, ҳифзи саломатӣ, бехатарии экологӣ ва дигар масъалаҳои марбути вазъияти иҷтимоӣ – иқтисодии донишҷӯёни иштирок мекунад.

2.13. Таъминоти моддӣ ва дигар намуд таъминоти донишҷӯёни ятим, маъюб ва дигар гурӯҳи донишҷӯён ва кормандони ҷиҳати иҷтимоӣ муҳофизатнашуда (камбизоат)-ро таъмин мекунад.

## III. ҲУҚУҚҲОИ ШУРО

3.Шуро дар мувозинати муовини ректор оид ба корҳои тарбияи МТҒ “Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон” фаъолияти ҷамъиятиро иҷро намуда, ба роҳбар ва ҳайати он музди меҳнат дода намешавад. Шуро ҳангоми фаъолият ҳуқуқҳои зеринро доро мебошад:

3.1.Дар ҷаласаҳои раёсат ва Шурои олимони донишкада масъалаҳои марбут ба ҳаёт ва фаъолияти корҳои тарбиявӣ-ахлоқӣ, зеҳнию эъҷодии донишҷӯён ва кормандонро барои муҳокима пешниҳод ва ҷиҳати беҳтар намудани ин самти кор баромад намояд.

3.2. Бо мақсади ҳимояи манфиатҳои донишҷӯён ва кормандон дар ҷаласаҳои Шурои олимони донишкада, дигар ҷаласаҳои назди роҳбарият иштирок карда, гузориш диҳад ва пешниҳодҳо манзур намояд.

3.3. Манфиатҳои донишҷӯёнро дар ҷаласаҳои назди роҳбарият ва Шурои олимони донишгоҳ ҳимоя намояд.

3.4. Дар мувофиқа бо роҳбарияти донишкада таъсиси Шуро, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, студия ва гурӯҳҳои эҷодӣ, маҳфилҳои худфаъолиятии касбӣ, зеҳнӣ, бадеӣ, варзишӣ ва амсоли онҳоро ба роҳ монад.

Wondershare PDFelement

3.5.Дар мавриди зарурӣ ва дар чараёни ҳалли вазифаҳои васеъҳачм бо розигии ректори донишкада аз моликияти донишкада истифода барад;

3.6.Шуроҳои худфаъоли донишчӯён, Шурои донишчӯдухтарон, созмони чавонон назди факултаҳо, гурӯҳҳои эчодӣ, маҳфилҳои илмӣ ва фарҳангию бадеӣ ва ғайраро таъсис диҳад ва фаъолияти онҳоро ба роҳ монад;

3.7. Дурнамои (Стратегия) барномаҳои донишкада, ки ба самти фаъолияти корҳои тарбиявӣ дахл доранд, ичро намояд.

3.8. Ичроиши қарорҳои Шурои олимони донишкада, ки ба масъалаи корҳои тарбиявии донишкада, факултет ва хобгоҳҳо вобаста аст, назорат намояд.

3.9. Дастуру супоришҳо ва нақшаю чорабиниҳои аз чониби мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ, маориф ва илм, занон ва кор бо чавонон барои фаъолияти корӣ воридшударо ичро намояд.

3.10. Тамоми санаду ҳуччатҳои меъёрие, ки аз тарафи мақомоти болоии донишкада ва дигар кумитаҳо содир мешаванд ва мухолифи қонунгузории Чумҳурии Точикистон нест, ичро намояд.

3.11. Чиҳати ичрои босифат ва саривақтии вазифаҳои худ, ки дар ин Низомнома пешбинӣ гардидаанд, чораҳои дахлдор андешад.

Wondershare PDFelement

Низомнома дар чаласаи Шурои олимони донишкада «28» 10 соли 2020 (суратчаласаи №4/18) баррасӣ гашта, чонибдорӣ карда шудааст.